“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
_______________Комилбек А.Ё.
«____» ________________ с. 2026

**ХУЛОСАИ**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев»**

Диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.5-Назария ва технологияи таълими биология дар кафедраи биология иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Алиназарова Муҳаббат Раматназаровна унвонҷӯи кафедраи биология ба шумор мерафт.

Алиназарова М. Р. соли 1993 ба Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев ба факултети биология дохил шуда, онро соли 1997 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳ номбурда фаъолиятро дар шуъбаи маорифи ш. Хоруғ, баъд дар мактаби миёнаи №38-и н. Шуғнон идома дода, аз соли 2005 дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ аввал ба сифати лаборант ва ба вазифаи ассистенти кафедраи биологияи умумӣ ба кор таъин карда шуд.

Алиназарова М.Р. дар озмуни ишғоли вазифа бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев аз 13.01. 2015, № 643 ба ҳайси муаллими калони кафедра гузаронида шуд.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев аз 5.03.2020, протокол №6 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи биология қабул карда шудааст.

Мавзуи таҳқиқӣ диссертатсионӣ таҳти унвони «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ», таҳти роҳбарии номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мавлоназаров Силмон Силтоназарович-сарходими илмӣ, профессори Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиситон, иҷро гардида, аз солҳои 2020 то 2025 дар кафедраи биология ба анҷом расонида шуд.

Натиҷаи имтиҳонҳои номзадӣ аз ихтисосҳои номбурда чунин аст:

1. Фалсафа 5 (аъло), 1.03.2025
2. Забони хориҷӣ 4 (хуб), 18.11.2024
3. Назария ва методикаи таълими биология (аъло), 2.02.2026

Диссертатсияи Алиназарова Муҳаббат Раматназаровна дар ҷаласаи кафедраи биология аз 10 феврали соли 2026, № 7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия дода шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

- Мундариҷа, сохтор ва номи диссертатсияи Алиназарова М.Р. дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10.5-Назария ва технологияи таълими биология ба талаботи шиносномаи мазкур пурра мутобиқат мекунад.

– Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ ба самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм амалӣ гардидааст ва бо татбиқи муқаррароти Стратегияи миллии рушди соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 иртиботи мустақим дорад. Ин стратегия воридасозии технологияҳои педагогии инноватсионӣ ва рақамикунонии раванди таълимро ҳамчун яке аз самтҳои калидӣ муайян мекунад.

– Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқати комил доранд.

– Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал аз ҷиҳати назариявӣ асоснок методикаи омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), ки ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, педагогӣ ва иттилоотии онҳо мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба ва муназзам қарор гирифтаанд.

Диссертатсияи Алиназарова М.Р. дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.5-Назария ва технологияи таълими биология мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқӣ диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 дар маҷалаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда,

интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,5 ҷузҳи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Алиназарова М.Р. Истифодаи маводҳои таълимии рақамӣ дар дарси биология. / С.С. Мавлоназаров, М.Р. Алиназарова// Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2024. – №3. – С. 51-55. ISSN 2664-5696.

2. Алиназарова М.Р. Хусусиятҳои дидактикии технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар таълими биология. /М.Р. Алиназарова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ . – 2021. №2. (6) – С.215-219. ISSN 2708-57-59

3. Алиназарова М.Р. Роҳҳои истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар дарси биология. /М.Р.Алиназарова // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – 2022. №1 (21). – С. 59-65. ISSN: 2664-5696.
4. Алиназарова М.Р. Нақши технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар омӯзиши фанни биология / С.С.Мавлоназаров , М.Р. Алиназарова // Паёми Донишгоҳи Хоруғ.-2024. -№ 2 (30). –С.74-89. ISSN: 2664-5696.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

1. Алиназарова М.Р. Истифодаи микроскопи рақами дар таълимӣ биология. / М.Р. Алиназарова., Мавлоназаров С.С. // Маводи конфренсияи байналмилалӣ 3-юми илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Рушди илм ва маориф дар шароити ҷаҳоншавӣ дар мисоли минтиқаҳои кӯҳистон: мушкилот, равишҳои нав ва таҳқиқотҳои дахлдор». Хоруғ.- 2024.- С. 118-122.
2. Алиназарова М.Р. Муносибати босалоҳият дар банақшагирии дарси биология. / М.Р. Алиназарова // Раҳнамои омӯзгор. – 2019.-№12.- С. 11-15.
3. Алиназарова М.Р. Мавқеъ ва нақши таҷрибаи педагогӣ дар омода кардани донишҷӯён ба касби омӯзгорӣ. // Раҳнамои омӯзгор. 2020., №12- С. 26-29.
4. Алиназарова М.Р., Мавлоназаров С.С. Марҳилаҳои гузариш аз ҳукумати электронӣ ба иқтисодӣ рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / М.Р. Алиназарова.,Мавлоназаров С.С. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон».- 2023.-С. 85-89.

5. Алиназарова М.Р. Истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир. /М.Р. Алиназарова., Мавлоназаров С.С. // Маводи

конференсияи байналмилалии 11-юми илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он». Хоруғ.- 2023.-С. 13-16

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Алиназарова Муҳаббат Раматназаровна дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3.9.5-Назария ва технологияи таълими биология кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Алиназарова М. Р. дар мавзуи «Методикаи омодасозии мутахассисони ояндаи биология бо истифода аз технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.5-Назария ва технологияи таълими биология бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.
   Хулоса дар ҷаласаи кафедраи биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев санаи 10.02.2026 қабул карда шуд.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 17 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 17 нафар, «зид» – нест, «бетараф»– нест.

Раиси ҷаласа: Содатқадамова Т.М.

Котиби ҷаласа: Ҷумаева Б.Д.

Имзоҳои ва Содатқадамова Т.М. ва Ҷумаева Б. Д.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М. Назаршоев Саидраҳмонов Н.С.

**Суроға:** 736000. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хоруғ, кӯчаи Шириншоҳ Шотемур, 109
Тел (+992) 93 583 46 19
E-mail: tahmina88@inbox.ru